*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а)*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич дар мавзӯи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика**

## 1. Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Дар Тоҷикистон соҳаи саноат барои таъмини рушди устувори иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли молҳои рақобатпазир, зиёд кардани иқтидори содиротии мамлакат ва ниҳоят баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ накши муҳим ва ҳалкунанда дорад. Корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар доираи стратегия ва барномаҳои соҳавӣ ба роҳ монда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро тадриҷан афзун менамоянд.

Мувофиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар марҳилаи нави рушд дар назди ҷумҳурӣ се вазифаи асосӣ меистад, ки яке аз онҳо таъмини рушди устувор ба воситаи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ буда, яке аз тадбирҳои асосӣ бахри иҷрои ин вазифа таъмини суръати нисбатан баланди рушди саноат нисбат ба соҳаҳои дигари иқтисодиёт ва зиёд намудани ҳиссаи он дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба шумор меравад.

Бояд қайд намуд, ки фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ бо хавфҳои гуногун алоқаманд буда, таъсири онҳо махсусан дар шароити номуайянӣ ва ноустувори рушди иқтисодӣ боз ҳам бештар мегардад. Сабаби ин он аст, ки номуайянии падидаю равандҳои иқтисодӣ хусусияти умумии иқтисоди бозорӣ буда, зуҳури онҳо ҳам боиси зарар ва ҳам фоида шуда метавонад. Дар чунин ҳолат зарурати баҳодиҳӣ ва идоракунии ин хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ ба миён меояд, ки он мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро муайян менамояд.

## 2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм

Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Хайруллоев Ф.Н. ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика мувофиқат менамоянд: 16. Ташаккули механизмҳои рушди устувори иқтисодиёти соҳаҳои саноат ва комплекси сузишворию энергетикӣ. Баҳодиҳӣ ва

суғуртакунии хавфҳои субъектҳои хоҷагидории соҳаҳои саноат ва комплекси сузишворию энергетикӣ. 25. Диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ ва васеъ намудани сиёсати корхонаҳои саноатӣ оид ба зиёд намудани номгӯи маҳсулот. 26. Механизмҳо ва воситаҳои ташаккули системаи самараноки бехатарии иқтисодии корхонаҳо ва соҳаҳои саноат ва комплекси сузишворию энергетикӣ. 32. Механизмҳои идоракунии арзиши бозории корхонаҳои саноат ва энергетика. Қабули қарорҳо дар соҳаи идоракунии арзиши бозорӣ.

### 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст

Дар диссертатсия навгонии илмӣ бо назардошти вазифагузориҳо муқаррар карда шудаст. Навгонии илмии диссертатсияи тақризшаванда аз таҳияи заминаи назариявӣ-методӣ ва тавсияҳои амалӣ иборат мебошад, ки барои такмили усулҳо ва механизми баҳодиҳии хавфҳо ва суғуртакунии онҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Натиҷаҳои назарраси диссертатсия, ки навгонии илмиро инъикос менамоянд аз чунин нуктаҳо иборат аст:

- дар асоси омӯзиши ҷиҳатҳои назариявию методӣ моҳияти иқтисодии мафҳумҳои «хавф», «хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ» ва «суғуртакунии хавфҳо» баррасӣ шуда, таърифи мафҳумҳои мазкур аз диди нав пешниҳод гардидааст. Мавҳуми хавф пешниҳод шуда, хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ ва эҳтимоли ба вуҷуд омадани онҳо дар ҳамаи самтҳои фаъолияти корхонаҳо дар шароити номуайянӣ, тамоил нисбат ба нақшаи пешбинишуда бо назардошти натиҷаҳои мусбат ё манфӣ буданашон муайян карда шуда, суғуртакунии хавфҳо, ҳимоя молу мулки корхонаҳо ва ҷуброни зарари суғуртавӣ дар асоси шартномаи суғурта пешниҳод шудааст;

- дар рисола таснифи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ аз рӯи нишонаҳои гуногун, бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ, пешниҳод карда шуда номгӯи хавфҳои асосии корхонаҳои мазкур, ки намудҳои: истеҳсолӣ; тиҷоратӣ; нақлиётӣ (логистикӣ); сармоягузорӣ; молиявӣ; сиёсӣ; асъорӣ; таваррумӣ; қарзӣ, техникӣ, инноватсионӣ; экологиро дар бар мегиранд гузаронида шудааст;

- баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ дар асоси усулҳои гуногуни микдорӣ ва сифатӣ гузаронидашуда, моҳияти усулҳои оморӣ, баҳодиҳии экспертӣ (аз ҷумла, усули Делфи) индекси Алтман; SWOT-таҳлил ва ғайра дида баромада шудааст.

- дар асоси истифодаи усули баҳодиҳии экспертӣ қолиби (матритсаи) дараҷаҳои таъсири гурӯҳи омилҳо ба сатҳи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда таъсири бештари хавфҳои молиявӣ, истеҳсолӣ, сармоягузорӣ, қарзӣ ва инноватсионӣ сурат гирифтааст;

- самаранокии иқтисодии суғуртакунӣ ва худсуғуртакунӣ дар ду корхонаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути истифодаи модели Хаустон сурат гирифта, исбот карда шудааст, ки вобаста ба ҳолати молиявӣ ва таъсири омилҳои хавф корхона метавонад усули суғуртакунӣ ва ё худсуғуртакуниро мавриди истифода қарор диҳад;

- таҳлили вазъи муосири корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, алгоритми суғуртакунӣ,ки марҳлаҳои таҳлили хавфҳо; ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот; суғуртакунию барномаи маҷмӯии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад пешниҳод гардидааст. Бартарияти барномаи маҷмӯии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ дар асоси муқоиса бо суғуртакунии маъмулӣ баҳо додашуда, ҳавасмандӣ ва ҳимояи суғуртавии корхонаҳоро асоснок крда шудааст;

- тавсияҳои амалӣ нисбати такмили усулҳо ва механизми баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуда, амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушди соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ ва хавфҳо пешниҳод карда шудааст.

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда дорои дараҷаи баланди эътимоднокӣ мебошад, зеро дар он масъалаҳои мубрами баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ таҳлил гардида, тавассути истифодаи маълумоти дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шудааст. Натиҷаҳои мубоҳисавии назариявии муаллиф, инчунин таҳлили илмии мавзуи таҳқиқот имкон фароҳам овардааст, ки паҳлуҳои гуногуни мавзуъ ба таври васеъ таҳқиқ карда шавад.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои назарияҳои хавф ва суғурта, баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноатӣ бахшида шудаанд, ташкил доданд. Муқаррароти асосии назариявии тадқиқоти диссертатсия бо пешниҳодҳои мушаххас аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, барои рушди корхонаҳои саноати бофандагӣ бо истифода аз усулҳо ва воситаҳои баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо равона карда шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар нашриёти тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шудаанд. Хулосаҳои муаллиф оид ба такмили усулҳо ва механизми баҳодиҳии хавфҳо ва суғуртакунии онҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳқиқ ва омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва ватанӣ илман асоснок карда шудаанд. Шиносоӣ бо диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки дар он муаллиф дар асоси

истифодаи усулҳои маъмули таҳқиқоти иқтисодӣ бо назардошти ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот ба як қатор натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

### 5. Мундариҷаи диссертатсия ва тарафҳои мусбию манфии он

Диссертатсияи Хайруллоев Ф.Н. аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат аз 170 номгӯйро дар бар мегирад, ки фарогири 18 расм ва 27 ҷадвалҳои омориву таҳлилӣ мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 178 саҳифаи матни чопиро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқот баён карда шуда, дараҷаи таҳқиқоти мавзӯъ кушода дода шуда, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот муқаррар карда шуда, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, маълумот оид ба интишороти натиҷаҳои таҳқиқот ба таври муфассал оварда шудаанд (с. 4-16).

**Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ-методии баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ»** муаллиф моҳияти иқтисодии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагиро кушода, мазмуни онҳоро шарҳ дода, таснифи хавфҳои корхонаҳои мазкурро пешниҳод карда, асосҳои методии баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагиро таҳқиқ карда, таҷрибаи байналхалқии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагиро мавриди омӯзиш қарор додааст (с. 17-69).

Дар параграфи якуми боби якуми диссертатсия андешаи олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба моҳият ва мазмуни мафҳуми хавф, вазифаҳо ва хусусиятҳои хавф, нишонаҳои таснифи хавф ба таври васеъ шарҳ дода шудааст (с. 17-35). Унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. дуруст қайд намудааст, ки «хавфро метавон ҳамчун дучоршавии бошуурона ба зарари эҳтимолӣ, бо мақсади ба даст овардани фоидаи фавқулодда, шарҳ дод» (с. 21). Ба андешаи муаллиф «Воқеан хавф хосияти эҳтимолӣ дорад, зеро пешакӣ ба таври аниқ муайян кардани фарорасии ин ё он ҳодиса имконнопазир буда, вале эҳтимол наметавонад муайянкунандаи хавф бошад. Мафҳуми «номуайянӣ» мавҷуд набудан ва ё нокифоягии иттилоот ва муайянӣ, яъне боварии аниқ надоштанро оиди натиҷаи ин ё он ҳодиса инъикос менамояд» (с. 24). Дар расми 1.1.2 се равиши методологии муайян кардани мафҳуми «хавф» инъикос карда шудааст (с. 29). Равишҳои гуногунро оид ба таърифи мафҳуми «хавф» омӯхта, унвонҷӯ онҳоро ба ду гурӯҳи муқобил ҷудо намудааст (ҷадвали 1.1.1) (с. 29), ки хеле ҷолиб буда, мо бо он розӣ ҳастем. Таҳқиқи хусусиятҳои фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ имкон додааст, ки муаллиф хавфҳои корхонаҳои мазкурро тасниф намояд (ҷадвали 1.1.3) (с. 32).

Дар параграфи дуюми боби якуми диссертатсия асосҳои методии баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ таҳқиқ шудааст (с. 35-54). Дуруст аст, ки муаллиф усулҳои баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагиро ба ду гурӯҳи калон, яъне усулҳои баҳодиҳии сифатӣ

ва микдорӣ ҷудо карда (с. 35), намудҳои асосии усулҳои баҳодиҳии хавфро, ки хоси ин гуруҳҳо мебошанд, муайян ва тавсиф намудааст (с. 36-42). Унвонҷӯ усули баҳодиҳии экспертии хавфҳоро яке аз усулҳои муҳим, самаранок ва дастрас ҳисобида, қайд намудааст, ки ин усул «дар асоси ташкили гурӯҳи экспертҳо, ки мутахассисони варзидаи соҳаи тадқиқшаванда мебошанд, гузаронида мешавад» (с. 36). Барои қабули қарор оиди истифодаи баҳои додаи экспертҳо зарур аст, ки зариби мувофиқакунонии нуктаи назарҳо аз 50% зиёд бошад (с 37). Муаллиф ҳама минтақаҳои имконпазири қарорҳоро аз рӯи дараҷаи зараровариашонба 4 минтақа тақсим кардааст: минтақаи бидуни хавф; минтақаи хавфи қобили қабул; минтақаи хатарноктар; минтақаи хавфи фалокатовар (с. 42-43). Дар диссертатсия ҳамчунин назарияҳои равоншиносӣ ва сотсиологии баҳодиҳии хавфҳо таҳқиқ шудааст (с. 46-48). Дар ҷадвали 1.2.2. усули методикӣ-баҳодиҳии хавфҳо оварда шудааст, ки тавассути ин усул дараҷа, вазн ва арзиши натиҷаҳои хавф муайян карда мешавад (с. 53).

Параграфи сеюми боби якуми диссертатсия ба омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи байналхалқии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ бахшида шуда (с. 55-69), муаллиф асосан таҷрибаи мамлакатҳои муттараққиро оид ба суғуртакунии хавфҳои саноатӣ таҳлил кардааст. Унвонҷӯ дуруст қайд намудааст, ки «Идоракунии хавфҳо ҳамчун ҷараён танҳо дар охир XX ва ибтидои асри XXI ба як қисми ҷудонашавандаи идоракунии стратегӣ ва амалиётӣ дар як қатор корпоратсияҳои байналхалқӣ табдил ёфтааст» (с. 55). Ҷараёнии идоракунии хавфҳо дар асоси ҳадафҳои стратегии корхона ба роҳ монда шуда, аз ҷузъҳои гуногун иборат мебошад, ки он ҷузъҳоро муаллиф дар расми 1.3.3 инъикос намудааст (с. 58). Муаллиф ба омӯзиши моделҳои суғуртаи хавфҳои касбӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ диққати бештар дода, ҷиҳатҳои калидии моделҳои суғуртаи хавфҳои касбиро дар корхонаҳои саноатии як қатор мамлакатҳои хориҷӣ дар ҷадвали 3.3.1 хеле дақиқ ва фаҳмо инъикос кардааст (с. 61). Нишонаҳои фарққунандаи таснифи суғуртаи молу мулки корхонаҳои саноати бофандагӣ дар расми 1.3.4 тасвир карда шудааст (с.65). Дар ҷадвали 3.1.2 вариантҳои талофии зарар ҳангоми суғуртаи молу мулк ифода ёфтааст, ки хеле ҷолиб аст (с. 68).

**Боби дуюми диссертатсия «Хусусиятҳои баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, он ба таҳқиқи масъалаҳои зерин бахшида шудааст: таҳлил ва арзёбии фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳодиҳии таъсири хавфҳо ба фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии самаранокии суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ (с. 70-116).

Дар параграфи якуми боби дуюми диссертатсия ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии

Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ шуда, муаллиф дуруст қайд намудааст, ки «барои таъмини рушди босуботи корхонаҳои саноатӣ нақши инноватсияҳо хело калон мебошад» (с. 70). Муаллиф муайян кардааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти насоҷӣ ва дузандагӣ дар соли 2021 ба 4 096 млн. сомонӣ баробар гардидааст, ки ин рақам нисбати соли 2016 ба андозаи 2 576 млн. сомонӣ ё 69,5% бештар мебошад» (с. 72). Унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. хеле дуруст қайд намудааст, ки «рушди саноати бофандагӣ метавонад таъсири мусбии худро ба иқтисодиёти кишвар расонида, боиси афзоиши истеҳсоли маҳсулоти бофандагӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав ва амалишавии ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар гардад» (с. 80).

Таъсири хавфҳо ба фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар параграфи дуюми боби дуюми диссертатсия баҳогузорӣ шудааст (с. 80-93). Сабабҳои асосии пайдоиши хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати бофандагиро муайян карда (с. 81), муаллиф алгоритми соддакардашудаи технологияи баҳодиҳии экспертии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагиро таҳия кардааст (расми 2.2.1) (с. 84), ки аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад. Муаллиф бо мақсади баҳодиҳии миқдории аҳамияти иқтисодии омилҳои хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо истифода аз усули баҳодиҳии экспертӣ, қолиби (матритсаи) дараҷаҳои таъсири гурӯҳи омилҳо ба сатҳи хавфҳои корхонаҳои мазкурро дар ҷадвали 2.2.3 инъикос намудааст (с. 88). Натиҷаи дараҷабандии омилҳои хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, ки дараҷаи ин хавфҳо асосан аз таъсири хавфҳои молиявӣ, истеҳсолӣ, сармоягузорӣ, қарзӣ ва инноватсионӣ, ки муаллиф дар диссертатсия ҷудо кардааст, вобаста мебошад (с. 93).

Дар параграфи сеюми боби дуюми диссертатсия самаранокии суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ арзёбӣ карда шудааст (с. 93-116). Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки «Корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир дар муҳити зудтағйирёбандаи берунӣ фаъолият карда, қарорҳои қабулкардаи роҳбарият ва соҳибмулкон хосияти хавфнокӣ дорад» (с. 93). Зарурат, аҳамият, афзалиятҳо, хавфҳо ва тартиби суғуртакунии онҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ дар диссертасия муфассал таҳқиқ гардидааст (с. 94-100). Дар самти идоракунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ баҳодиҳии самаранокии иқтисодии усулҳои суғуртакунӣ ё худсуғуртакунӣ нақши муҳим дорад. Аз ин ҷост, ки муаллиф бо истифодаи модели Хаустон самаранокии суғуртакунӣ ва худсуғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагиро арзёбӣ карда, афзалият ва камбудиҳои ин усулҳоро вобаста аз вазъи молиявӣ-хоҷагидории корхона муайян намудааст (с. 108). Истифодаи модели Хаустон имкон додааст, ки унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. самаранокии иқтисодии суғуртакунӣ ва худсуғуртакуниро дар ду корхонаи саноати

бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва баҳогузорӣ намуда, хулосабарорӣ кунад (с. 109-116).

**Дар боби сеюми диссертатсия «Такмили механизми баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** усулҳои баҳодиҳии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ дар асоси равиши эҳтимолият такмил дода шуда, самтҳои такмили механизми суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ муайян карда шуда, амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушди саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ ва хавфҳо таҳия карда шудааст (с. 117-154).

Дар параграфи якуми боби сеюми диссертатсия муаллиф се марҳилаи баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагиро ҷудо намудааст: идентификатсия ё муайянӣ; ченкунӣ; идоракунӣ (расми 3.1.1) (с. 118). Дар марҳилаи якум бо истифода аз усулҳои баҳодиҳии миқдорӣ хавфҳое, ки барои корхонаҳои саноати бофандагӣ хос буда, ба ҷараёни фаъолияти онҳо таъсир мерасонанд, муайян карда, бо ҷамъоварии маълумоти зарурӣ баҳодиҳии хавфҳои мазкур гузаронида мешавад. Марҳилаи дуюм ҷараёни ченкунии хавфҳо ва омилҳои онҳоро дар бар мегирад. Дар марҳилаи сеюм ҳамчун марҳилаи ҷамъбастӣ ҷараёни идоракунии хавфҳо ба роҳ монда мешавад (с.118).

Таснифоти васеи омилҳои хавфҳоро муаллиф дар мисоли харитаи ҳадафҳои фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ инъикос кардааст (расми 3.1.2), ки имкон медиҳад «маҷмӯи хавфҳо баҳогузорӣ карда шавад, зеро иҷро нагардидани нақша ё вайрон шудани кор дар баъзе минтақаҳои корхона боиси пайдоиши омилҳои хавф шуда, сипас ба ҳисобкунии натиҷаҳои ниҳоии онҳо оварда мерасонад» (с. 120-121).

Муаллиф дар расми 3.1.4 шаҷараи робитаи тарафайни коэффитсиентҳо ва устувории молиявии корхонаҳои саноати бофандагиро инъикос кардааст, ки мувофиқи он асоси устувории молиявии корхонаҳои мазкурро коэффитсиенти автономӣ ва коэффитсиенти бозоргирии мутлақ ташкил дода, дар сатҳи боло коэффитсиенти даромаднокии дороиҳои корхона ҷойгир аст (с. 124). Дар ҷадвали 3.1.1 дараҷабандии эҳтимолият дар асоси омор оид ба пайдоиши ҳодисаҳои гуногун, ки дар корхонаи саноати бофандагӣ ба амал меоянд, муайян карда шудааст (с. 125).

Тартиби муайян кардани оқибати хавфҳо бо истифода аз усули баҳодиҳии экспертӣ дар ҷадвали 3.1.2 нишон дода шудааст (с. 126). Муаллиф қайд кардааст, ки «Методикаи пешниҳоднамудаи мо имкон медиҳад, ки дараҷаи хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ, бо назардошти омилҳои истеҳсолӣ ва молиявӣ, дар маҷмӯъ муайян ва чен карда шаванд» (с. 127).

Дар параграфи дуюми боби сеюми диссертатсия самтҳои такмили механизми суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ муайян карда шудааст (с. 128-145).

Ба андешаи унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. «Идоракунии хавфҳо унсури ҷудонашавандаи ҷараёни идоракунии корхонаи саноати бофандагӣ ба шумор меравад» (с. 129). Муаллиф усулҳои идоракунии хавфҳоро дар корхонаҳои саноати бофандагӣ ба чор гурӯҳ ҷудо намудааст: дуршавӣ аз хавфҳо; пешгирикунии хавфҳо; тақсимкунии хавфҳо; паст намудани сатҳи хавфҳо (с. 129).

Суғуртаи молу мулки корхонаҳои саноати бофандагӣ объектҳои зеринро фаро мегирад: дастгоҳҳо ва воситаҳои нақлиёт; бино, иншоот ва таҷҳизот; захираи молҳо; маҳсулоти тайёр; сохтмони нотамом; бор ва ғайраҳо (с. 130).

Алгоритми суғуртакунии хавфҳои корхонаи саноати бофандагӣ (расми 3.2.1), ки аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст, се марҳиларо дар бар мегирад: таҳлили хавфҳо; ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот; суғуртакунӣ (с. 133).

Робитаи тарафайни ҷараёнҳои идоракунии хавфҳо ва ҳимояи суғуртавӣ дар расми 3.2.2 инъикос карда шудааст (с. 141). Барномаи маҷмӯии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби унвонҷӯ таҳия шудааст (ҷадвали 3.2.1) дорои як қатор бартариҳо буда, ба суғурташавандаҳо имтиёзҳои муайянеро пешниҳод мекунад (с. 142-144).

Параграфи сеюми боби сеюми диссертатсия ба таҳияи амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушди саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ ва хавфҳо бахшида шудааст (с. 145-154). Муаллиф дар рафти таҳқиқот барои таҳияи амсилаи иқтисодӣ-риёзӣ ба сифати аломати натиҷавӣ - маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва ба сифати омилҳои таъсиррасон - маҳсулоти умумии саноатӣ, шумораи корхонаҳои соҳавӣ, ҳаҷми маҳсулоти истеҳсоли насоҷӣ ва дузандагӣ, инчунин сармоягузории умумиро истифода кардааст (ҷадвали 3.3.2) (с. 149).

Дар асоси маълумоти омории ҷадвали 3.3.2 ва бо истифода аз имкониятҳои барномаи Excel таҳлили коррелятсионии нишондиҳандаҳои таҳлилӣ анҷом дода шудааст (ҷадвали 3.3.3) (с. 150). Ҳамчунин муаллиф дар асоси маълумоти омории ҷадвали 3.3.2. бо дарназардошти усулҳои эконометрикӣ ва интихоби омилҳои таъсиррасон, амсилаи регрессионии баҳодиҳии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз омилҳои таъсиррасонро таҳия кардааast (с. 151).

Унвонҷӯ амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушди соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити номуайянӣ ва хавфҳо истифода бурда, дурнамои нишондиҳандаҳои соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2023-2030 ҳисоб кардааст (ҷадвали 3.3.6), ки мувофиқи он «Давоми солҳои 2023-2030 ҳаҷми маҳсулоти истеҳсоли насоҷӣ ва дузандагӣ аз 4347 млн. сомонӣ ба 11065 млн. сомонӣ баробар мегардад, ки нисбати соли 2022 ба андозаи 6718 млн. сомонӣ тамоюли зиёдшавӣ дорад» (с. 154).

Дар **хулосаи диссертатсия** таклифу пешниҳоди муаллиф оид ба такмили механизми баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос шудаанд.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**

Аҳамияти илмии диссертатсия дар рушди минбаъдаи назарияи хавфҳо ва идоракунии онҳо, баҳодиҳии таъсири хавфҳо ба фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии самаранокии суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ, такмили усули суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ зоҳир мегардад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмилдиҳии назария ва амалияи баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои илман асоснокгардидаи таҳқиқот метавонанд барои таҳлил ва баҳогузорӣ намудани ҳолати арзёбӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи оянда истифода бурда шаванд.

Аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои ноилгардидаи унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. дар он зоҳир меёбад, ки дастовардҳои назарраси таҳқиқотро ҳангоми такмили усули суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан имконпазир мебошад.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии диссертатсияро дар раванди таълими фанҳои «Суғурта», «Молияи корхонаҳо», «Муҳити молиявии соҳибкорӣ ва идоракунии хавфҳои соҳибкорӣ» ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Доир ба натиҷаҳои назарраси диссертатсия аз тарафи муаллиф 7 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, 9 мақола дар дигар маҷаллаҳои илмӣ чоп карда шудааст.

Интишороти муаллиф мӯҳтавои диссертатсияро пурра фарогир аст. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва амалии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ тариқи маърӯзаҳои илмӣ байн шуда буданд.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертасия ба талабот**

Ба расмият даровардани диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

## 9. Камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсноки таҳқиқоти диссертасионӣ

Новобаста ба дараҷаи баланди илмии диссертатсия, он аз як қатор норасоиҳо ва камбудиҳо холӣ нест. Алалхусус:

1. Дар диссертатсия иқтибосҳо аз корҳои олимон-иқтисодчиёни ватанӣ доир ба мавзӯи таҳқиқшаванда истифода шудаанд, вале на ба қадри кофӣ, ҳарчанд корҳои ба мавзӯи таҳқиқиот наздик зиёд мебошанд.

2. Ҳангоми таҳлили маводҳои оморӣ асосан усули муқоисавӣ истифода шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бурд мекард, агар инчунин дигар усулҳои таҳлили таъсири омилҳои дохилӣ ва берунии хавфҳо ба нишондиҳандаҳои молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳои саноати бофандагӣ истифода мешуд.

3. Дар зербоби 1.3-и диссертатсия таҷрибаи байналхалқии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ таҳлил шудааст, вале агар муаллиф оид ба ин масъала маълумоти омории дақиқ ва мисолҳои мушаххасро истифода мебурд ва муайян мекард, ки таҷрибаи кадом давлатҳо барои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар мувофиқ ва қобили истифода мебошанд, он гоҳ сифати илмии таҳқоқоти мазкур боз ҳам баландтар мешуд.

4. Дар диссертатсия оид ба масъалаи суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ маълумоти умумӣ дошта шудааст. Ҳол он ки муаллиф мебоист ин масъаларо ба таври мушаххас, бо овардани маълумоти дақиқ оид ба тартиби бастани шартномаи суғурта, тарифи суғуртавӣ, тартиби муайянкунӣ ва пардохти ҳаққи суғуртавӣ, талофии зарари суғуртавӣ таҳқиқ мекард.

5. Ҷадвалҳои дар зербоби 2.1-и дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашуда асосан хусусияти иттиоотӣ доранд, ҳол он ки онҳо бояд хусусияти таҳлилӣ-ҳисобӣ дошта, тамоюли фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагиро нишон диҳанд.

6. Дар рисола самтҳои такмили механизми суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ муайян карда шудаанд, вале агар муаллиф омилҳо ва механизмҳои ҳавасмандкунии корхонаҳои мазкурро барои суғуртакунӣ асоснок мекард, қимати таҳқиқоти бaанҷомрасида боз ҳам бештар мегардид.

7. Дар матни диссертатсия як қатор хатогиҳои услубӣ ва техникӣ ҷой доранд.

Бояд таъкид кард, ки камбудиҳо ва эродҳои гирифташуда моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд ва дорои характери тавсиявӣ мебошанд.

## 10. Мутобиқати автореферат ба муқарраротi асосии диссертатсия

Автореферати диссертатсияи тақризшаванда ва мақолаҳои илмии чопшуда мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудаанд ва дар онҳо навгонии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, ҷой гирифтааст.

## 11. Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич дар мавзӯи **«Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти ҳамаҷониба мустақилона анҷомёфта ва ба итмомрасида ба ҳисоб рафта, дорои навгонӣ ва арзиши баланди илмӣ буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад ва бинобар ин, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Ҷӯрабоев Ғ.

Суроға: 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5, бинои 4, утоқи 8. Тел: 934369060. E-mail: gafurjon51@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Ғ. Ҷӯрабоевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ — Ҷураев Ш.Н.

Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10.
тел: (+992 37) 227-37-81, E-mail:

# Тақризи муқарризи расмӣ

Ба диссертатсияи Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич дар мавзӯӣ «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноатии бофандагӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика, ки ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ пешниҳод шудааст.

## 1. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия

Соҳаи саноат барои таъмини рушди устувори иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли молҳои рақобатпазир, зиёд кардани иқтидори содиротии мамлакат ва ниҳоят баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ нақши муҳим ва ҳалкунанда дорад. Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26-уми декабри соли 2018 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуда буданд, ки "... бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад". Барои ноил шудан ба ин ҳадаф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 аз 27 майи соли 2020, №293 қабул карда шуд, ки "Ҳадафи он таъмин намудани рушди устувор ва рушди босуръати саноат тавассути диверсификатсияи он ва баланд бардоштани рақобат мебошад"

## 2.Дараҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда муаллиф омӯзиши таҳаввулоти баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо ва рушди корхонаҳои саноатиро бо назардошти хусусиятҳои хоси он ва марҳилаҳои ташаккул ва рушди баланд бардоштани корхонаҳои саноати бофандагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намудааст. Ҳалли он имкон додааст, ки асосҳои методологии таҳқиқ ва арзёбии раванди рушд ва баланд бардоштани сифати боз ҳам хубтар шудани корхонаҳои саноати бофандагӣ аниқ карда шуда, дар асоси таҳлили вазъи муосири иқтисодиёти кишвар роҳҳои такмили низоми танзими давлатӣ ва дастгирии сармоягузорони хориҷию дохили, инчунин самтҳои

афзалиятноки стратегияи рушди корхонаҳои саноати бофандагӣ асоснок карда шудаанд.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи амалиявии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисоддони ватаниву хориҷиро дар баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳодар корхонаҳои саноати бофандагӣ эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф аз усулҳои таҳлили иқтисодӣ, оморӣ, муқоисавӣ, системавӣ-таркибӣ, омӯзиши омилҳо, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, индуксия, дедуксия, таҳлил ва синтез, таҳлили маълумотҳои оморӣ, истифодабарии график ва ҷадвалҳо истифода намудааст.

Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ, рус ва хориҷӣ оид ба фаъолияти баҳодиҳии суғуртакунии хавфҳо корхонаҳои саноати бофандагӣ ва мавқеи он дар рушди иқтисоди миллӣ ташкил медиҳанд. Ба сифати маводи ибтидоӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқии мақомотҳои давлатӣ, маводҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ва инчунин захираҳои иттилоотии “Internet’ истифода бурда шудаанд.

Дар ҷараёни шиносоӣ бо кор қайд кардан зарур мешуморем, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиёти илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот рафтор кардааст, мустақилона далелҳои оморӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти шахсии худро дар раванди натиҷабардорӣ коркард ва таҳлил намудааст.

Мавзӯи диссертатсия ва таҳқиқоти муаллиф ба бандҳои Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 Иқтисодиёти саноат ва энергетика, ки дар кор оварда шудаанд, мувофиқат мекунанд.

**3. Саҳеҳӣ ва навгонии илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда**

Навигариҳои илмии таҳқиқот асосноккунӣ ва рушди баҳодиҳӣ ва суғуртакунӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои муайян намудани механизми хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ мебошад.

Натиҷаҳои назаррасе, ки навоварии диссертатсияро ташкил медиҳанд, инҳо мебошанд:

- дар асоси омӯзиши ҷиҳатҳои назариявӣ ва методӣ моҳияти иқтисодии мафҳумҳои “хавф”, “хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ” ва “суғуртакунии хавфҳо” кушода шуда, таърифи мафҳумҳои мазкур аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидааст. Ба андешаи муаллиф, *хавф* - ин ҳолати номуайянӣ, номувофиқатии натиҷаи воқеӣ аз нақшаи пешбинишуда, эҳтимоли гирифтани ё зарар ё фоида мебошад. Аз нигоҳи муаллиф, *хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ* - ин эҳтимоли ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои ногаҳонӣ дар ҳамаи самтҳои фаъолияти корхонаҳо дар шароити номуайянӣ буда, тамоил нисбат ба нақшаи пешбинишуда

мебошад, ки натиҷааш ё мусбат ё манфӣ мешавад. *Суғуртакунии хавфҳо* - ин усули интиқоли хавфҳо аз суғурташаванда ба ташкилоти суғуртавӣ буда, манфиатҳои молу мулкии корхонаҳоро аз хавфҳои гуногун ҳимоя карда, ҷуброни зарари суғуртавиро дар доираи шартномаи суғурта кафолат медиҳад;

- дар заминаи омӯзиши адабиёти гуногун таснифи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ аз рӯи нишонаҳои гуногун, бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ, пешниҳод карда шудааст. Қайд гардидааст, ки хавфҳои асосии корхонаҳои мазкур инҳо мебошанд: истеҳсолӣ; тиҷоратӣ; нақлиётӣ (логистикӣ); сармоягузорӣ; молиявӣ; сиёсӣ; асъорӣ; таваррумӣ; қарзӣ, техникӣ, инноватсионӣ; экологӣ.

- муайян карда шудааст, ки баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ дар асоси усулҳои гуногуни миқдорӣ ва сифатӣ ба роҳ монда мешавад. Моҳияти усулҳои оморӣ, баҳодиҳии экспертӣ (аз ҷумла, усули Делфи) индекси Алтман; SWOT-таҳлил ва ғайра кушода шудааст.

- бо истифода аз усули баҳодиҳии экспертӣ қолиби (матритсаи) дараҷаҳои таъсири гурӯҳи омилҳо ба сатҳи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда, тасдиқ карда шуд, ки хавфҳои молиявӣ, истеҳсолӣ, сармоягузорӣ, қарзӣ ва инноватсионӣ таъсири бештар доранд;

- тавассути истифодаи модели Хаустон самаранокии иқтисодии суғуртакунӣ ва худсуғуртакунӣ дар ду корхонаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда шуда, исбот карда шудааст, ки вобаста ба ҳолати молиявӣ ва таъсири омилҳои хавф корхона метавонад ё усули суғуртакунӣ ва ё худсуғуртакуниро қабул намояд;

- дар асоси омӯзиши адабиёти мухталиф ва таҳлили вазъи муосири корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон алгоритми суғуртакунӣ ва барномаи маҷмӯии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуд. Алгоритми суғуртакунии корхонаҳои мазкур аз се марҳила иборат мебошад: таҳлили хавфҳо; ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот; суғуртакунӣ. Барномаи маҷмӯии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ дар муқоиса бо суғуртакунии маъмулӣ бартариҳои зиёд дошта, ҳавасмандӣ ва ҳимояи суғуртавии корхонаҳоро бештар мекунад;

- дар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда оид ба такмили усулҳо ва механизми баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои амалӣ таҳия карда шуда, амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушди соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ ва хавфҳо таҳия карда шудааст.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Ақидаи муаллиф муайян намудани хавф ҳамчун эҳтимоли гирифтани танҳо зарар дуруст набуда, мазмуни

иқтисодии мафҳуми гуногунпаҳлуву мураккаби хавфро пурра ифода карда наметавонад, зеро гирифтани натиҷаи мусбат (фоида) низ ба хавф вобаста аст. (саҳ.30).

Бо дарназардошти таснифоти хавфҳо, ба андешаи диссертант, намудҳои асосии хавфи корхонаҳои саноати бофандагӣ инҳо мебошанд: молиявӣ; истеҳсолӣ; табиӣ, экологӣ, сармоягузорӣ; қарзӣ; инноватсионӣ, асъорӣ, бозорӣ, таваррумӣ, фоизӣ, биржавӣ, муфлисшавӣ ва ғайраҳо.

Инчунин унвонҷӯ қайд намудааст, дар ҳолате, ки дар мамлакат модели давлатии суғуртаи хавфҳои касбӣ қабул шудааст ва амал мекунад, он гоҳ мақомоти ваколатдори давлатӣ барои танзими ҳамаи масъалаҳои суғуртаи хавфҳои касбӣ масъул мебошанд. Агар дар мамлакат модели омехтаи (хусусӣ-давлатии) суғуртаи хавфҳои касбӣ амал кунад, пас муайян кардан ва танзим намудани ин ё он унсури модел байни мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои суғуртаи хусусӣ тақсим карда мешавад. Аммо дар ин ҳолат ҳам давлат назорати фаъолияти ширкатҳои суғуртавии хусусиро таъмин менамояд (саҳ.62).

Дар баробари ин муаллиф ба чунин хулоса омадаат, ки барои идомаи таҳқиқот бояд хулоса кард, ки таҷрибаи назорати ҳуқуқии фаъолияти истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки маҳсулоти ба содирот самтгирифтаи истеҳсолкунандагони ватанӣ ба талаботи дар мамлакатҳои тараққикарда пешниҳодшаванда бояд мувофиқ бошад.

Ақидаи дессертант дар он аст, ки барои дар оянда ба таври кофӣ истеҳсол намудани масолеҳи бофандагӣ ва ба роҳ мондани содироти намудҳои гуногуни он ба дохил ва хориҷи кишвар дастгирии молиявии соҳа зарур мебошад.

Ба андешаи диссертант, ҳадафҳои асосии баҳодиҳии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ инҳо мебошанд: афзун намудани ҳаҷм ва сифати истеҳсолот; баланд бардоштани сифати фурӯши маҳсулот; баланд бардоштани сатҳи нишондиҳандаҳои молиявӣ. Харитаи ҳадафҳои фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ имкон медиҳад, ки маҷмӯи хавфҳо баҳогузорӣ карда шавад, зеро иҷро нагардидани нақша ё вайрон шудани кор дар баъзе минтақаҳои корхона боиси пайдоиши омилҳои хавф шуда, сипас ба ҳисобкунии натиҷаҳои ниҳоии онҳо оварда мерасонад (саҳ.120).

Муаллиф дар раванди таҳқиқот барои дурнамосозии нишондиҳандаҳои таҳлили амсилаҳои қаторҳои вақтӣ ва авторегрессионӣ истифода бурдааст. Қаторҳои вақтӣ ин маҷмӯи қиматҳои ягон нишондиҳанда дар якчанд лаҳзаҳои пай дар пайи вақт мебошад.

Масалан, дар робита ба тадқиқоти мо, маҳсулоти умумии саноатӣ, шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ, ҳаҷми маҳсулоти истеҳсоли насоҷӣ, ва дузандагӣ, саноати истихроҷ ва саноати коркард аз омили вақт мебошад. Вобаста ба ин, амсиласозии тамоили қатори вақтӣ ҳамчун

шаклҳои маъмули арзёбии тамоили қаторҳои вақтӣ, аз рӯйи амсилаҳои трендӣ мебошад. (саҳ.152).

**Дар боби якуми диссертатсия** - «Асосҳои назариявӣ-методии баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ», моҳияти иқтисодӣ, мазмун ва таснифи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ, асосҳои методии баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ, таҷрибаи байналхалқии суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ таҳқиқ шудааст.

**Дар боби дуюми диссертатсия** - «Хусусиятҳои баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон», фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ карда шуда, таъсири хавфҳо ба фаъолияти корхонаҳои мазкур, инчунин суғуртакунии хавфҳо дар ин корхонаҳо баҳогузорӣ карда шудааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия** - «Такмили механизми баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон», самтҳои такмили усулҳои баҳодиҳии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ дар асоси равиши эҳтимолият, такмили механизми суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои мазкур таҳқиқ шуда, амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушди соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ ва хавфҳо таҳия карда шудааст.

**5.Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Ба андешаи мо дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари ҷамбаҳои мусбӣ баъзе камбудиҳои алоҳида ба назар мерасонд ва баъзеи онҳоро қайд кардан лозим мешуморем, ба монанди:

1. Мувофиқи вазифахои гузоштаішуда дар параграфи 2.3.«Арзёбии самаранокии суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ», оид ба асоснок намудани омилҳо ва аниқ кардаи самаранокии суғуртакунии хавфҳо ба рушди иқтисодиёти миллӣ маълумоти илмӣ, инчунин маълумоти оморӣ камтар ба назар мерасад.

2.Дар диссертатсия ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба самтҳои такмили механизми суғуртакунии хавфҳо ҳамчун категорияи иқтисодӣ оварда шудаанд, аммо оиди эътироф ё назари мунаққидона доштани муаллиф нисбати ақидаҳои онҳо кам дида мешавад.

3. Боби якуми кори диссертатсионӣ «Асосҳои назариявӣ-методии баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ» бо зербобҳои пешниҳод карда шудааст. Мутаасифона муаллиф боби мазкурро бо хулосаи худ ҷамъбаст накардааст.

4. Хуб мешуд, ки ба ҷои баъзе ҷадвалҳо факту рақамҳо дар шакли диаграммаҳо пешниҳод карда мешуд.

5.Дар кор баъзе ибораҳои истифодашуда ва ҷумлаҳои таҳрирталаб ба назар мерасанд.

Таъкид кардан зарур аст,ки эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд.

6. **Мувофиқати диссертатсия ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ**

Дар маҷмӯъ бояд қайд кард, ки кори диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилона ва ба пуррагӣ анҷомёфта буда навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода мекунанд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии инкишофи фаъолияти суғуртакунии хавфҳоро тараққӣ медиҳанд.
«Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад ва бинобар ин, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика мебошад.

Умуман диссертатсия дар мавзӯӣ «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноатии бофандагӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика ба талаботҳои муқарраршуда мутобиқат буда, муаллифи он Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич сазовори илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Муқаррризи расмӣ,
дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ
ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав, нии., дотсент Зувайдуллоева Г.Х.

Имзои Зувайдуллоева Г.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ. А.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
☏: (+992-3222)24520, 2022253, E-mail:Ktsu78@ mail.ru